*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА -029*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*
*731025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*ш. Душанбе, кучаи Рудакӣ, 17*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои фалсафа Зиёев Идибек ба диссертатсияи доктории Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуи таҳқиқотӣ, ки “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” унвон гирифтааст, ҳамчунин мазмуну мундариҷаи он ба ихтисоси 09.00.14. – Фалсафаи дин ва диншиносӣ мутобиқати пурра дорад. Мавзуи зикршуда маҳз аз мавқеи талаботи қонуниятҳои фалсафа таҳлилу таҳқиқ гардида, самти фалсафии худро равшан ба маъраз гузоштааст.

**Мубрамияти мавзуъ.** Омӯзиш ва таҳқиқи масъалаи арзишҳои дунявӣ дар динҳои муосир яке аз масоили ҷиддиест, ки мутаассифона, камтар мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳа қарор гирифтааст. Агар дар дигар динҳои мавҷуда ва махсусан дар масеҳият ин масъала то андозае дар асарҳои тадқиқотии муҳаққиқони аврупоӣ инъикос ёфта бошад, дар дини ислом масъалаи мазкур то андозае камтар мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Аз ин нуқтаи назар, метавон гуфт, ки вай дар ҳоли ибтидоӣ қарор дорад. Сарфи назар аз мубрамияташ мавзуи “Ислом ва арзишҳои дунявӣ” то ҳанӯз на аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ ва на аз ҷониби муҳаққиқони мусулмони хориҷи кишвар мавриди тадқиқи алоҳида ва ҷиддӣ қарор нагирифтааст.

Рисолаи тақризшаванда нишондиҳандаи он аст, ки муҳаққиқ барои ҳалли масоили дар пеш гузоштаи худ саъю талошҳои зиёд намуда, маводи

мавҷуда ва дастрасро дар ин самт ҷиддан мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор додааст. Қабл аз ҳама ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки дар кишвари мо чунин рисола бори аввал таҳия гардида, масоили ба арзишҳои дунявӣ вобастаро дар контексти дин мавриди таҳқиқи мустақилона қарор додааст. Дар муқаддима муаллиф аҳамияти мавзуи рисолаи диссертатсионӣ, сатҳи омӯзиши мавзӯъ, ҳадафи таҳқиқ, предмет, объект, усулҳо, асосҳои назариявии таҳқиқ, нуктаҳои меҳварие, ки барои дифоъ пешниҳод мешаванд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, сохтор ва тавсифи умумии кори таҳқиқотиро равшану возеҳ шарҳу баён намудааст.

Тамоман мантиқӣ аст, ки дар назди муаллиф вазифаи ниҳоят душвору сангине истодааст, зеро ӯ мебоист аз миёни маводи ниҳоят зиёди нашрияҳои хориҷӣ (аврупоӣ, русӣ, арабӣ ва форсӣ) маводи асосиро баргузида, маводи бо мавзуи диссертатсия алоқаманд ва заруриро мавриди омӯзиш, таҳлил ва муқоиса қарор медод. Бояд эътироф намуд, ки ҷамъоварии чунин мавод чандон кори саҳлу осон нест. Муҳаққиқ, ба андешаи мо, аз уҳдаи ин вазифа бо сарбаландӣ баромадааст, зеро пайдо кардани маводи таҳқиқ ва мавриди омӯзиш қарор додани онҳо худ матонату устуворӣ, таҷрибаву сабру тамкинро тақозо мекунад. Шак нест, ки муҳтаво ва натоиҷи ба даст овардаи муҳаққиқ тасаввуроти моро дар бораи мавзуи таҳқиқ, шароит ва муҳити иҷтимоӣ-сиёсии он давру замон ғанитар гардонида, мавҷудияти андешаҳо, тасаввуроти носаҳеҳ ва таҳрифёфтаи он давру замонро дар самти шинохти нақш, ҷойгоҳ ва мақоми ҳақиқии арзишҳои дунявӣ дар батни мафкураи динӣ нишон медиҳад.

Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки мавзуи мавриди таҳқиқ яке аз масъалаҳоест, ки дар атрофи он пажӯҳишҳои ватанию хориҷӣ камтар сурат гирифтаанд ва то имрӯз аз мавзуҳои доғи илмҳои ҷомеашиносии миллӣ ва махсусан диншиносии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба ин мавзуъ воқеъбинона ва хеле бамаврид таъкид кардааст: "Зуҳури ислом бо вуҷуди шикастани низоми иҷтимоиву иқтисодии ҷомеаи сосонӣ ва мардуми Варорӯд таконе дар низоми зиндагӣ ва андешаи худшиносиву ҷаҳоншиносии кулли ақвоми ориёӣ гардида, онҳоро бо роҳу равиши нави худошиносӣ ва оини яктопарастӣ ҳидоят намуд "[1]. Аз ҷиҳати илмӣ шарҳу тавзеҳ додани масоили ғомизу норавшан, ҳалталаб ва баҳснок, муайян намудани алоқамандӣ ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо дар шинохт, дар бедорӣ ва худшиносии халқи тоҷик масоили муҳими тадқиқи фалсафӣ-динии муосир буда, дар самти муайян намудани ҷойгоҳи арзишҳои дунявӣ ниҳоят арзишманд ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад, ҳарчанд ки шарҳу тавзеҳоти иловагӣ, коркард ва гузориши фарзияҳои илмиро тақозо мекунанд. Аммо муҳаққиқ вазифаи асосии худро дар асосноккунии мавҷудияти ин мушкилӣ ва таъсири ғояҳои он дар раванди рушди ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ташаккули ҳувияти миллӣ мушаххас намудааст. Омӯзиши масоили мутааллиқ ба арзишҳои дунявӣ дар ислом нишон медиҳад, ки масоиле, ки дар рисолаи Абдухалилзода К. А. мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд, аслан бо сабабҳои гуногуни ақидатӣ ва сиёсӣ-идеологӣ аз назар дур монда ва ё мавриди тавсифи умумӣ ва дар аксар мавридҳо сатҳӣ қарор дода шудаанд.

Вале ба шарофати истиқлолияти давлатӣ ба муҳаққиқони ҷомеашиноси тоҷик имконият даст дод, ки ҳақиқати ин саҳифаи ғомизи таърихро равшан намоянд ва ба сарчашмаҳои таърихӣ баҳои воқеӣ дода, нақши арзишҳои дунявиро нишон диҳанд.

Бинобар ин, омӯзиши ин масъала, ки инъикоси равандҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва сиёсӣ-иқтисодии садсолаҳои охир дар олами ислом пайдо шуда, дар ибтидои асри XX ангезаи оғози ҳаракати ислоҳталабӣ гардида буданд, дар таърихи андешаҳои мутафаккирони исломӣ бесобиқа ба назар мерасид. Ин ҷунбишҳо бо мурури замон инъикоси он вокунишҳое буданд, ки вобаста аз таҳаввулоти азими илмӣ-техникӣ дар олами хориҷ аз ислом ба вуқуъ

[1] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, "Ирфон", 2006. –С.152.

мепайвастанд, ки ахиран боиси пайдошавии исломи бунёдгаро ё фундаменталистӣ ё исломи сиёсӣ ё ифротгаро гардидаанд. Хавфу хатари асосии ҳизбу ҳаракатҳо ва исломгароён барои ҳамзистии осоиштаи халқу мардум ва фарҳангҳои теъдодан зиёди ҷаҳон бе шакк ниҳоят зиёд мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои диссертатсия.** Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқотӣ мутобиқи меъёрҳои муқарраргардида ва методологияи илмӣ таҳия шудааст. Диссертант сарчашмаҳои динӣ ва осори таҳқиқотии гуногунро ба забонҳои русӣ, тоҷикӣ ва англисӣ амиқ таҳқиқ намуда, усулҳои таърихию муқоисавиро ҳадафнок хуб истифода бурдааст. Навгониҳои натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодгардида возеҳ, равшан ва мушаххас буда, воқеан ҳам ҷавобгӯи талаботҳои илмӣ мебошанд ва аз огоҳии равшани диссертант аз мавзуи таҳқиқотӣ шаҳодат медиҳанд.

Предмет ва объекти таҳқиқот низ хеле равшан нишон дода шудааст ва байни онҳо ҳамоҳангӣ ва робитаи зичи мантиқӣ дида мешавад. Дар ин самт сатҳи баланди тахассуснокӣ ва маҳорати таҳқиқи масъалаҳои ҳалталаб аз ҷониби диссертант сазовори таҳсин мебошад. Дастоварди диссертант дар ҷодаи муайян намудани предмет ва объекти таҳқиқот имкон медиҳад, ки таҳқиқот дар самти мазкур дар оянда низ идома дода шавад. Яъне, ҳам объекти таҳқиқот нав асту ҳам предмети таҳқиқот низ муосир буда, биниши навро тақозо менамоянд.

Навгониҳои илмии диссертатсия аз мазмуну мундариҷаи кори таҳқиқотӣ сарчашма гирифта, моҳияти диссертатсияро ифода менамоянд. Навгониҳои пешниҳодшуда бо ҷанбаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамоҳанг буда, аз лиҳози илмӣ асоснок мебошанд.

**Асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада низ аз муҳтавои кори таҳқиқотӣ маншаъ гирифта, асоснок ва муътамад мебошанд ва тибқи талаботи илмӣ таҳия шудаанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодгардида махсусан барои ҷомеаи имрӯзаи

Тоҷикистон, ки мардумаш мусулмон буда, ҳамзамон роҳи рушди дунявиро пеш гирифтааст, аз аҳамияти назарраси иҷтимоӣ бархӯрдор мебошанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллиф дар муқаддимаи рисола аҳамияти омузиши ин мавзуъро бо далелҳои муътамад исбот намудааст, ки дорои аҳамияти махсуси илмӣ мебошанд. Дар масъалаи сатҳи омӯзиши мавзуъ бошад, ӯ ба осори донишмандони тоҷик, Осиёи Миёнаву Афғонистон, Эрон, кишварҳои араб, Русия ва аврупоӣ такя намудааст, ки аз доираи васеи мавзуи мавриди баҳс ва норавшан будани ин масоил огаҳӣ медиҳанд.

Сарфи назар аз сарчашмаҳои зиёди таҳқиқӣ, таҳқиқотҳои донишмандони гуногуни ҷаҳон, ҳоло метавон иддаъо кард, ки то ҳанӯз ҷанбаҳои илмӣ-назариявӣ, амалӣ ва методологии масъалаи мавриди таҳқиқ, дар илми ҷомеашиносии ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи лозимаю кофӣ таҳқиқ нагардидаанд. Чунин ҳолат на танҳо аз он вобаста аст, ки андешаҳои муҳаққиқони ҷомеашинос аз мавқеъҳои гуногуни идеологӣ иброз гардидаанд, балки аз мураккабии худи ин раванд, қабулу пазироии он аз тарафи ҷомеаи исломӣ бармеояд.

Аз гуфтаҳои боло метавон тасаввур кард, ки ҳаҷми масоили мавриди тадқиқ дар воқеъ ҳам бидуни шакку шубҳа ниҳоят зиёд буда, таҳаммулу шикебоӣ ва заҳмату талошҳои зиёди муаллифи диссертатсияро дар самти вазифаҳои тадқиқот, навгонӣ, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳод шаванда ва ғ. тақозо кардааст. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар кишвари мо чунин мавзуъ бори аввал мавриди тадқиқ қарор гирифта, онро мушкилоти зиёд ҳамроҳӣ менамоянд. Яке аз мушкилоти асосии ин самт дар он ифода меёбад, ки исломгароён мафҳуми “дунявият”- ро душмани рақами яки худ эълон намуда, бо ҳар роҳу воситаҳои дастрас (ки теъдоди онҳо дар шароити имрӯз низ хеле зиёд аст) кӯшиш менамоянд, ки онро сиёҳ карда, бегона будани онро ба рухи ислом дар мағзи сари ҳар мусулмон ҷо намоянд. Ана дар ҳамин ҷост, ки муқобилгузории Шарқ ва Ғарб, ҳамчун ду қутби бо ҳам

зид - диндорӣ ва дунявият - аз ҷониби исломгароён ба таври сунъӣ бо ҳадафҳои муайян барангехта шуда истодааст. Аммо тайи садсолаи ахир он мусулмононе, ки шефтаи тарзи ҳаёти аврупоӣ гаштаанд, дар кишварҳои исломӣ кам нестанд ва ҳатто метавон тасдиқ кард, ки рӯ ба афзунӣ доранд. Аммо ин бошад ҷабҳаи дигари мушкилоти арзишҳои дунявиро дар олами ислом ба вуҷуд меоварад, зеро маҳз дар ҳамин ҳолатҳои авҷгирии таззодҳо, табақае ба майдони сиёсат ворид мешавад, ки онҳоро шартан метавон тарафдорони анъана номид. Таркиби он аз тамоми унсурҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ифротгароӣ, таассуб, пофишорӣ бар ҳақонияти арзишҳои динӣ, ҷавобгӯи ҳама мушкилоти дунявӣ будани онҳо, азалӣ ва абади будани онҳо ва ғ. иборат аст, ки тақрибан онро метавон ба ду гуруҳ - ҷонибдорон ва мухолифони арзишҳои дунявӣ - ҷудо кард. Онҳо саъй хоҳанд кард, ки арзишҳои дунявиро ночиз ва барои олами ислом бегона ҷилвагар намоянд ва ин бошад дар навбати худ, ҳаёти фардро дар гирдоби ҷанги “нав”-у “куҳна” қарор медиҳад. Ба қавли дигар, арзишҳои дунявӣ ва дар маҷмуъ “дунявият”- ҷонибдори умури заминӣ сохтани инсон, арзишҳои дунявӣ ва “руҳоният” ҷонибдори умури осмонӣ сохтани инсон, арзишҳои динӣ мебошанд. Ба сухани дигар, мубориза ё ҷанги байни дунявият ё диният, дар андешаи исломгароён якдигарро истисно мекунанд, яъне ҳаллу фасли он, бештар аз он вобастагӣ дорад, ки кадоме аз онҳо ғолиб мебарояд. Ин тезу тундшавии муносибатҳо дар ҳоле ба таври сунъӣ аз ҷониби неруҳои алоҳидаи сиёсӣ-динӣ ва дар аксари ҳолатҳо хориҷӣ “аланга” мегирад, ки ҳастии воқеии инсон маънои худро гум мекунад, аммо дин беҳтарин саодати инсонро дар “охират” ваъда дода, ҳаёти воқеии ӯро марҳалаи азобу имтиҳон, муваққативу абадӣ нишон дода, охиратро ҳамчун марҳалаи камолоти саодати инсонӣ тавсиф медиҳанд. Дар ин ҷо метавон мавқеи диссертантро оид ба “дарки нодурусти ҳам моҳияти дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ ва ҳам асли дини ислом ва таърихи он” ва махсусан зарурати баррасии онҳоро дар ду сатҳ: назариявӣ ва амалиро ҷонибдорӣ кард, то эътидоли байни ҷонибдорони арзишҳои дунявӣ ва динӣ, амалӣ гардад. Зеро асосҳои “Исломи назарӣ” (беш аз

XIV қарн пеш бетағйир вуҷуд дорад), аммо “Исломи амалӣ” аз аввали рӯзҳои пайдоиш то имрӯз дар таҳаввулу тағйирёбӣ қарор дорад.

Боби аввали рисола, ки **«Ҷанбаҳои методологии таҳқиқи дунявият»** номида шудааст, аз чаҳор зербоб иборат аст, ки дар онҳо моҳият ва мундариҷаи “дунявият”, шарҳи мафҳум ва таҳаввули он, дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, ғояҳои дунявият дар эҷодиёти мутафаккирони қадим, давраи Эҳё, Замони нав ва ҳадафҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ мавриди баён, шарҳ ва таҳлили диссертант қарор гирифтаанд (с. 23-86).

Дар зербоби аввали боби мазкур “Шарҳи мафҳуми дунявият дар доираҳои илмӣ ва татбиқи он” - қайд карда шудааст, ки сарфи назар аз маъмулӣ будани мафҳуми “дунявият” маънои он барои аксари хонандагон равшан нест. Посух гуфтан ба суоли “дунявият чист?”: асл ё низом аст, ки ҳаёти ҷомеа тибқи он сурат мегирад? Оё дунявият падидаи зидди динист? Оё асли ҷудоии дин аз давлат аст? Дунявият хоси ҷомеаи ғарбист ва ё шарқӣ? Муаллифи диссертатсия таърифҳои гуногуни “дунявиятро” дар асоси фарҳангҳои ғарбию шарқӣ возеҳу равшан гардонидааст. Ин зербоб ба шарҳу баёни масъалаи асосӣ, яъне масъалаи дунявият бахшида шуда, ба таври фарогир таҳлил ва дар доираи бахшҳои алоҳида ҳаллу фасл гардидааст. Таҳлили забонӣ, этимологӣ ва истилоҳии мафҳуми дунявиятро муаллифи диссертатсия хеле муфассал, дар ҳафт нуктаи марказӣ ҷамъ оварда, дарку фаҳмишҳои шахсии худро оид ба ин мафҳум пешниҳод кардааст, ки сазовори таҳният аст.

Зербоби дуюм “Таҳаввули мундариҷаи мафҳуми “дунявият” – номгузорӣ шуда, дар он, диссертант дар асоси омӯзиш ва таҳлили амиқ тағйирпазирии онро таъкид кардааст, ки мундариҷаи аввалии он тайи фосилаи дарози таърихӣ куллан таҳаввул ёфта, фарохтар шудааст. Ҳамин нуктаро бояд таъкид кард, ки муаллифи диссертатсия ин масъаларо низ хеле муфассал, ҳамаҷониба, фаҳмою равшан шарҳ додааст (аз с. 29 то с. 37).

Зербоби сеюм ба ду масъалаи “Дунявият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ”(с.37 то с.43) ва “Ҷанбаҳои дунявӣ дар эҷодиёти Эпикур ва

Марсили падуянӣ” (с.43 то с.62) бахшида шудааст. Аммо дар зербоби чаҳорум –“Ҳадафҳои дунявӣ дар динҳои сомии тоисломӣ” (с.73 то с.86) муаллиф саъй намудааст, ки арзишҳои дунявиро дар динҳои яҳудия ва масеҳия мавриди таҳлил қарор дода, ҷойгоҳи онҳоро равшан Қобили зикр аст, ки намояд.

Боби дуюми рисола - «**Заминаҳои дунявият дар ислом**» - аз чаҳор зербоб иборат буда (с. 87-181), масоиле аз қабили асосҳои иҷтимоии муқаррар гардидани арзишҳои дунявӣ дар ислом, мақоми арзишҳои дунявӣ дар Қуръон, масъалаи ҳокимият дар ислом ва нақши омилҳои дунявӣ дар ғалаба ва интишори исломро мавриди омӯзиш ва таҳқиқи илмӣ қарор додааст. Бояд таъкид намуд, ки мавзуъҳои боби мазкур мантиқан бо ҳам вобаста буда, хеле ҷолиб ва тавағҷуҳпазир мебошанд, зеро тадқиқи маҳз ҳамин омилҳои зикршуда ба саволи асосии “Чуну чаро”- ҳои гуногуни муҳаққиқон посуххои мушаххас мегӯяд. Қобили зикр аст, ки муҳаққиқ зимни таҳлилу таҳқиқи масоили баёнёфта аз уҳдаи вазифаи дар пеши худ гузошта, бо сарбаландӣ баромадааст, зеро масоили мавриди назар хеле ҷаззобу дилкаш бо забони соддаю фаҳмо шарҳу баён ёфтаанд. Муаллиф, аз ҷумла таъкид кардааст, ки дин ҳеҷ гоҳ худ ба худ вуҷуд надоштааст ва дин чун посух ба ниёзҳои одамон ба вуҷуд омада, арзи ҳастӣ намудааст.

Ҳам зербоби якум – “Асосҳои иҷтимоии муқаррар гардидани арзишҳои дунявӣ дар ислом” (аз с. 87 то 110) ва ҳам зербоби дуюм - “Мақоми арзишҳои дунявӣ дар Қуръон” ( аз с. 110-137 ) тавағҷуҳангез буда, муаллиф дар онҳо масоили диндории арабҳоро то ислом, баъд аз пайдоиши ислом, инчунин мақоми арзишҳои дунявиро дар Қуръонро ва суннат хеле муфассал ва ҷолиб таҳқиқ намудааст ва масоили баҳснок, пурихтилоф ва гуногунпаҳлӯро ба таври илмӣ асоснок намуда, пешкаш кардааст. Дар зербоби сеюми ин боб “Масъалаи ҳокимият дар ислом” (аз с. 137 то с.163), ки ин масъала ҳам баҳснок мебошад, диссертант ба чунин хулоса расидааст, ки “ҳокимияи исломӣ дар умум аз таъсири арзишҳои дунявӣ дар канор набудааст”. Дар зербоби чаҳорум “Нақши омилҳои дунявӣ дар ғалаба ва интишори дини ислом” (с. 163-180) муаллиф таъкид кардааст, ки ислом дар як минтақаи аз лиҳози

сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ хеле қафомонда пайдо шуда, дар як муддати кутоҳи таърихӣ берун аз қаламрави нимҷазира интишор ёфт. Муаллиф масъалаи омилҳои воқеии чунин босуръат интишор ёфтани исломро дар заминаи асарҳои таҳқиқотӣ таҳлил намуда, хулосаҳои худро оид ба масъалаи мавриди баҳс пешниҳод кардааст.

Боби сеюми рисола **«Ҳаракатҳои дунявигароӣ дар олами ислом»** (с. 181-271) низ аз чаҳор зербоб иборат буда, таҳқиқи масоилеро аз қабили "таҳаммулпазирӣ ҳамчун шакли зуҳуроти дунявият дар ислом" (с.181-199), "ҳаракати дунявигароӣ дар олами араб" (199-222), "ғояҳои дунявигароии маорифпарварони мусулмони Эрон ва Ҳиндустон" (с.-ҳои 222-250) аз ду бахш "Дунявигароии маорифпарварони Эрон" ва "Ҷанбаҳои дунявӣ дар фаъолияти ислоҳотчигии маорифпарварони мусулмони Ҳиндустон" иборат мебошад, фаро гирифтааст. Дар боби мазкур масоили мутааллиқ бо дунявигароии мутафаккирон таҳлил гардидаанд.

Боби чаҳоруми диссертатсия "**Ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон**" аз се зербоб иборат буда, дар он масоиле аз қабили "Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар таъмини ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ", асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Тоҷикистон ва вижагиҳои ин ҳамзистӣ таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Зербоби дувум "Асосҳои ҳуқуқии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар Тоҷикистон" (с.286-299) низ ба масъалаи хеле муҳим бахшида шудааст ва муаллиф дар ҳалли масоили дар наздаш гузошта бо сарбаландӣ баромадааст.

Дар зербоби саввум –"Вижагии ҳамзистии фарҳанги дунявӣ ва динӣ дар ҷомеаи имрӯзаи Тоҷикистон" (с. 299-312) мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор гирифтааст. **Хулосаҳои муҳаққиқ (с. 313-319) ва тавсияҳо доир ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар 22 нукта ҷамъбаст гардидаанд, ки хар кадоми онхо асоснок ва боэътимод буда, дорои заминаҳои худ мебошанд.** Дар охири диссертатсия феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёт (с. 321-353) оварда шудаанд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷалаҳои тақризшаванда.** Мақолаҳои чопнамудаи диссертант дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷмуаҳо мазмуну мухтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи** КОА.

Диссертатсияи Абдухалилзода Кароматулло Абдухалил дар мавзуи "Ислом ва арзишҳои дунявӣ" аз рӯйи натиҷаҳои илмӣ ва амалии бадастоварда ба талаботи бандҳои 31-33-и "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар маҷмӯъ ба рисолаи илмии Абдухалилзода К.А. баҳои мусбӣ дода, ҳамин нуктаро ёдовар мешавем, ки он аз хатогиҳо ва нуқсонҳои алоҳида холӣ намебошад:

1. Дар рисола баъзан на танҳо хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ (масалан, дар қисмати муқаддима, сатҳи пажуҳиши мавзуъ, адабиёти дар ҳошия омада, с.11-12 истифодаи "его же", пробели байни калимаҳо; сарчашмаҳои кори таҳқиқотӣ, 2 бор истифода шудааст, ки услубан хатост; Шайх Муҳаммад Хузари. "Сирату-л-яқин" тарҷумаи "Нуруляқин" омадааст, вале баъдан боз **Тарҷумаи Мулло Мустазъафи Қаротегинӣ** нишон дода шудааст, шояд баргардони Домулло Эшонҷон бошад; **Объязывающие изменения в нашей времени** аз ҷиҳати имлои забони русӣ низ нодуруст омадааст, с.21; дар Тасвиби кори таҳқиқотӣ низ омадааст: "**Комёбиҳо ва мушкилоти илми бунёдӣ ва тибби клиникӣ**", ки номаълум аст ба чи тааллуқ дорад, шояд мақолаи муаллиф дар ҳамин маҷмуа ба нашр расида бошад, балки андешаҳое низ ба назар мерасанд, ки тавзеҳоти иловагиро тақозо намуда, баъзан тасҳеҳ ва баъзан баҳсталаб мебошанд.

2. Муҳаққиқ аз сарчашмаҳои зиёд (361 сарчашма) иқтибосҳо оварда, танҳо бо андешаҳои муҳаққиқон маҳдуд шуда, андешаҳои худро камтар рӯи коғаз овардааст.

3. Дар рӯйхати адабиёт номи муҳаққиқоне оварда шудаанд, ки дар қисмати омӯзиши мавзӯъ, зикр нашудаанд ва маълум нест, ки оё таҳқиқоти онҳо мавриди истифодаи муаллиф қарор доранд ё не.

4. Мутаасифона, бояд қайд кард, ки гуруҳҳои зиёди мутахассисони соҳаи фалсафа ва диншиносӣ дар кишварҳои СНГ оид ба масоили дунявият ва динният вуҷуд доранд, ки муҳаққиқ аз онҳо сарфи назар кардааст.

5. Тамоми зербобҳо ва бобҳои диссертатсия далели онанд, ки муаллиф таҷрибаи хуби кори илмӣ пайдо карда, дар ҳаллу фасли проблемаҳои баррасишаванда дорои мавқеи равшани танқидӣ мебошад. Иқтибосҳои ниҳоят сершумори сарчашмаҳо ва адабиёти таҳқиқотӣ бошанд, далели онанд, ки муаллиф барои таҳияи рисола омодагии хуб дида, дар аксари ҳолатҳо аз мавқеи ҳақиқатнигорӣ ва илмӣ проблемаҳои рисолаи илмиашро ҳаллу фасл намудааст. Хидмати асосии диссертант дар он аст, ки ӯ бори аввал масоили арзишҳои дунявиро ба миён гузошта, андешаҳои худро тарҳрезӣ карда, аз онҳо дифоъ кардааст, ки шояд солҳои наздик таваҷҷуҳи мутахассисон ва дигар соҳаҳои илм, аз ҷумла файласуфон, равоншиносон ва диншиносонро низ ба худ ҷалб намояд.

6. Забони тоҷикии рисола мақбулу дилписанд, соддаву фаҳмо ва равону суфта буда, рисола дорои арзиши баланди илмӣ мебошад, аз назари соддагиву равонӣ ва масъалагузорӣ сазовори ҳама гуна ситоишу офарин аст.

7. Тамоми бобҳою зербобҳои рисола аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи он дар давраи ҷамъоварӣ ва таҳқиқи мавзуи илмӣ таҷрибаи хуби корӣ касб намуда, бо услуби таҳқиқ, коркард ва таҳлили маводу сарчашмаҳо аз назари танқидӣ таҷрибаи кофӣ андӯхтааст. Иқтибосҳои зиёд, муқоисаву таҳлили афкори зиёиёни он давру замон гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ мавзуи илмии худро аз мавқеи илмӣ ва ҳақиқатнигории

беғаразона дар заминаи омӯзиши мустақим ва тадқиқи сарчашмаҳо омода намуда, муваффақ ҳам гардидааст.

Умед аст, ки бори аввал матраҳ шудани ин масъала ва шарҳу тавзеҳи фалсафаи забони тоҷикӣ аз ҷониби диссертант тадқиқотҳо ва рисолаҳои илмии дигарро ба дунбол хоҳад овард. Дар ин маврид таъкид бояд кард, ки рисолаи мазкур оғози омӯзиши илмии масъалаи дунявият ва ҷойгоҳи он дар динҳо ҷиҳати шинохти амиқтари ин масъала кӯмаки шоиста хоҳад кард ва дар худшиносии миллии мо мадади воқеии назарӣ ва амалӣ хоҳад расонид.

**Мундариҷаи автореферат бо матни диссертатсия комилан мутобиқат намуда, теъдоди мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашррасидаи муаллиф кофӣ ва басанда мебошанд.**

**Дар асоси далелҳои боло, метавон собит намуд, ки рисолаи тадқиқотии Абдухалилзода К.А. амали мустақилона ва ба интиҳо расида буда, ба тамоми талабот ва шартҳои рисолаҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи доктори илмҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.14 – Фалсафаи дин ва диншиносӣ мебошад.**

Профессори кафедраи диншиносии
факултети фалсафаи Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон,
доктори илмҳои фалсафа Зиёев И.Ғ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
хиёбони А.Рӯдакӣ, 22 ДМТ.
Тел. моб.: +(992) 935-91-00-04
Email: idibekziyoev@yahoo.com

**Имзои И.Ғ. Зиёевро тасдиқ менамоям:**
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллиии Тоҷикистон Тавқиев Э.Ш.

17.09.2024